Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## Тақризи

муқаррizi расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Абилзода Гуландом Сардор доир ба диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмиҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зайналов Қурбон Мирзоевич «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмиҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси зикршуда, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» яке аз масъалаҳои актуалӣ ва мубрами фалсафа ва илми муосир буда, ба қатори мавзуҳои маркazии манзараи муосири илмии олам шомил мегардад. Масъалаи таносубият, ҳамченакии инсон ва Олам асоси принсипи антропиро дар соҳаҳои гуногуни мавҷудияти инсонӣ ташкил дода, бо фалсафаи кайҳонӣ алоқаманд буда, билохир, масъалаи калидии фалсафа муносибати тафаккурро ба ҳастӣ низ дахл мекунад. Таҳқиқоти мазкур дар мисоли таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ ҷанбаҳои зиёди мушкилоти асосҳои илмҳои табиатшиносиву ҷомеашиносӣ ва вазъи онҳоро дар таҳлили масъалаҳои фалсафӣ муайян менамояд.

Ғояи принсипи антропӣ ва консепсияи таҳаввулотгароии глобалӣ дар асоси манзараи муосири илмии олам қарор доранд, аммо кӯшиши тасаввур намудани таҳаввулот ҳамчун раванди том, ки дар он худи инсон низ ворид мегардад, муносибати якмаъноро доро нест. Чунки дар низоми донишҳо дар бораи таҳаввулот фосилаҳои назаррас ҷой доранд, махсусан вабаста ба пайдоиши ҳаёт ва хирад, моҳияти кайҳонӣ доштани ҳаёт ва ғ.

Бояд гуфт, ки масъалаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ дар зинаи инкишофи худ қарор дорад,

гарчанде ғояи таҳаввулот аз афкори файласуфони Юнони қадим сарчашма гирифтааст. Гурӯҳи муаллифон таҳаввулотро ҳамчун барномаи афзалиятноки таҳқиқотӣ меҳисобанд, гурӯҳи дигар бошад баръакс мавҷудияти проблемаҳо, фосилаҳо ва коркарди нокифояи паҳлӯҳо ва зинаҳои онро қайд менамоянд. Вобаста ба ин муҳаққиқони таълимоти таҳаввулотӣ масъалаҳои ҷаҳонбинӣ, эпистемологӣ, когнитивиро муҳокима намуда, дар назди худ таҳқиқи робитаи таҳаввулоти глобалиро бо проблемаҳои глобалии муосир, махсусан экологӣ, тамоюлҳои глобалии илм, тақдири тамаддуни техногенӣ, имконияти бунёди илми томи ягона (мегаилм), инчунин равандҳои ҷаҳонишавиро дар ҷомеаи муосир қарор медиҳанд.

Бинобар ин, таҳқиқи мавзуи интихобшудаи Зайналов Қурбон Мирзоевич тахти унвони «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» дар ташаккули фалсафа, илми муосир ва манзараи муосири илмии олам яке аз қадамҳои ҷиддӣ, мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола **«Принсипи антропӣ ва фаҳмиши илмӣ-табиию методологии он»** номгӯзорӣ шуда, дар он масъалаҳои пайдоиши ақидаҳои антропӣ дар фалсафа ва табиатшиносӣ, навъҳо ва тафсирҳои гуногуни принсипи антропӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи мушоҳидачӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар боби мазкур мазмуни ақидаҳои антропиро дар таърихи афкори фалсафӣ ва табиатшиносӣ муайян карда, истилоҳоти «антропӣ», «таҳаввулот», «таҳаввулотгароӣ» ва «таҳаввулоти глобалӣ»-ро мушаххас намудааст. Инчунин, намунаҳои муосири принсипи антропиро таҳлил намуда, мушкилоти антропиро бо ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологии ғояҳои табиатшиносӣ ва фалсафӣ оид ба бавуҷуд омадани Олам, инсон ва хирад нишон додааст.

Дар боби дуюми рисола **«Принсипи антропӣ дар таносуб бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ва назарияи ноосфера»** масъалаҳои таносуби принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи таҳаввулоти дастаи оламҳо – Мулитиверс, принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди назарияи ноосфера омӯзиш ва таҳлил гардидаанд. Дар боби мазкур муаллиф оид ба муқаррар намудани робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ бо ақидаи детерминизми кайҳонӣ ва фундаментализми физикӣ хулосаҳои мушаххас баровардааст. Инчунин, низоми мафҳумҳои назариявӣ ва ғояҳои илмиро, ки дар асоси он робитаи мутақобилаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ ба вуҷуд меоянд, ошкор намуда, нуқтаи назари олимонро, ки бо фаҳмиши ин мушкилиҳо алоқаманд мебошанд, таҳлил намудааст. Дар ин радиф, муқобилияти аксуламали инсон бо табиатро дар қаринаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти ҷаҳонӣ таҳқиқ намуда, зарурати истифода кардани ин матнро дар ташаккулёбии ақидаи

нави таҳаввули ноосферогенез ва коркарди назарияи ноосфера нишон додааст.

Бояд гуфт, ки муаллиф дар рисола аввалин шуда дар доираи илми ватанӣ саволҳои: Барои чӣ дунё тавре сохта шудааст, ки дар он пайдоиш ва мавҷудияти инсон имконпазир аст? Чӣ тавр инсон ва олам, макрокайҳон ва микрокайҳон таносуб доранд, то чӣ андоза онҳо ҳамандозаанд? Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад, ё танҳо ба сайёраи замин хос аст? ва ғайраро матраҳ намудааст.

Фарзияи таҳқиқотии муаллиф дар он асос меёбад, ки тағйироти бунёдии Кайҳон дар зинаи муайяни таҳаввулоти худ барои пайдоиши ҳаёт ва баъдан одам ҳамчун субъекти маърифат шароити зарурӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ҳолати каме тағйир ёфтани бузургиҳои бунёдии пайдоиши Коинот аз ҳолати воқеӣ ва дигаргун гаштани он барои пайдоиши ҳаёт ва одам шароити зарурӣ муҳайё намегардад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки масъалаҳои имконпазир будани пайдоиш ва мавҷудияти инсон, таносуби инсон ва олам, микрокайҳон ва макрокайҳон, моҳияти кайҳонӣ доштани пайдоиши ҳаёт ва одам ва ғайра яке аз қадамҳои аввалини муаллиф дар инкишофи илми ватанӣ мебошад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур арзиши муҳим ва аҳамияти баланди илмӣ-назариявиро дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муаллиф дар таҳияи диссертатсия зимни гузориши ҳадаф ва иҷрои вазифаҳо ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст. Аз ҷумла, бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалиро муфассал баррасӣ намудааст. Асоснок намудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки манзараи муосири илмии оламро ташкил додаанд. Дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян намудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд. Бори аввал ба ташаккулёбӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика диққат додааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Масъалаи дар таркиби Мултиверс ҷой доштани коинотҳои ҷойдорӣ (локалӣ), маҳаллӣ ва кисагиро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки айни ҳол баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин ҷода идома доранд. Робитаи принсипи антропӣ, ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, гузариши зисткурраро ба ноосфера (курраи хирад) ва тамоюли ноогенез баррасӣ намуда, асоснок намудааст, ки ҷомеаи муосир бояд бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Таъкид менамояд, ки имрӯз инсоният бояд дар

иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои беҳтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд. Дар ин замина, зарурати кор карда баромадани илми навро таҳти унвони ноогеника пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф дар таҳқиқоти худ якчанд нуктаҳои илмиро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ доранд. Аз ҷумла, дар доираи 7 банд (саҳ. 14-18) нуктаҳои асосноки илмиро пешниҳод менамояд, ки аз такрор овардани онҳо худдорӣ менамоем. Муҳимтарин нуктаи илмии худро муаллиф зимни таҳқиқи ҳамбастагии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ дар зарурати ҳатман кор карда баромадани асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи нави ноосфера (курраи хирад) ва илми нави ноогеника асоснок намудааст. Аз ҷумла, чунин хулоса менамояд, ки имрӯз, инсоният дар иҳотаи хатарноки мушкилоти глобалии замони муосир қарор дорад ва мехоҳад ҳамбастагӣ ва ягонагии худро бо табиат ва Кайҳони бузург аз мавқеи хирад ба таври воқеӣ муайян намояд. Ба суханони дигар, имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо зисткурра (биосфера) ба зинаи нави таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар доираи илми асри XXI бошад, кор карда баромадани илми нави ноогеника (таълимот дар бораи ноогенез), ки муҳаққиқон принсипи марказии онро хираднокӣ номидаанд, аҳамиятнок гардидааст. Аксарияти муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки маҳз дар асоси принсипҳо ва қонунҳои илми нави ноогеника паст намудани шиддати омили антропогенӣ (таъсири гуногуни инсон ба зисткурра), пешгӯӣ намудани наҷоти инсоният аз хавфи ҳалокатовари мушкилоти умумибашарӣ имконпазир мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бояд таъкид намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафу вазифаҳои он, инчунин, истифодаи методҳои мувофиқи таҳқиқ собит месозанд. Зимни таҳқиқот муаллиф ба асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли диссертатсияҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва манбаҳои электронӣ, ки ба мавзуъ алоқаманданд, муроҷиат намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ ва хулосаҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки онҳо дорои аҳамияти баланди илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷумла, дар рисола мазмуни фалсафӣ ва методологии принсипи антропӣ, алоқамандии он бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ва назарияи ноосфера бо дарназардошти хусусиятҳо ва дастовардҳои илми муосир аз нигоҳи фалсафӣ ва ҳам методологӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ташаккули

тасаввурот оид ба таъриху ягонагии инсон ва Кайҳон аз қадим то ба имрӯз идома дошта, принсипи антропӣ мақоми инсонро ҳамчун маркази коинот (инсонмарказӣ), натиҷаи таҳаввулот ва мушоҳидачии Олам тавсиф медиҳад. Дар ин замина, муаллиф масъалаҳои зиёди методологӣ, гносеологӣ, антропологӣ, ахлоқии инсон ва Кайҳон, паҳншавии ҳаёт дар Кайҳон, ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, асосҳои фалсафии ноосферогенез ва амсоли онҳоро бахшида ба таносуби принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Андешаи олимону муҳаққиқонро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки дар Кайҳон ду шакли принсипи антропӣ «пурқувват» ва «камқувват» вуҷуд дорад. Мувофиқи шакли «камқувват» мақоми инсон дар Кайҳон тавре муайян гардидааст, ки ӯ на танҳо натиҷаи раванди таҳаввулоти глобалӣ, балки иштирокчии фаъоли он ба шумор меравад. Тавсифи дигари он чунин аст, ки хусусияти бунёдии Кайҳон дар зинаи муайяни таҳаввулоти худ барои пайдоиши одам ҳамчун субъекти маърифат шароити зарурӣ ба вуҷуд меорад. Дар ҳолати каме тағйир ёфтани бузургиҳои ибтидоии пайдоиши Коинот аз ҳаёти воқеӣ ва дигаргун гаштани сохтори он бузургиҳо, барои пайдоиши ҳаёт шароити зарурӣ пайдо нахоҳад гашт. Мувофиқи шакли «пурқуввати» принсипи антропӣ Коинот бояд чунин бошад, ки дар он одам на танҳо натиҷаи таҳаввулоти глобалӣ, ҳамчунин, мушоҳидачии он дониста шавад. Аз нигоҳи фалсафӣ Кайҳонро низоми томи беохир васеъшаванда ва инкишофёбанда ва дар таҳаввулоти беохир қарордошта баррасӣ менамояд.

Муаллиф ташаккули тасаввурот доир ба ноосфераро дар пайвастагӣ бо таълимот дар бораи биосфера қайд менамояд. Дар ин замина, аҳамияти иҷтимоии таҳқиқотро бо он асоснок менамояд, ки мушкилоти маъмули глобалии имрӯза гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷомеаи имрӯзаи иттилоотӣ ва технологӣ ва табдилёбии биосфера ба техносфера (курраи техникӣ), ки тақрибан 200 сол қабл оғоз гардида буд, ҳоло барои таъмини муносибати ҳамоҳангӣ ва ягонагии инсон бо зисткурра чандон мусоидат накарда истодааст. Чунин ба назар мерасад, ки имрӯз инсон ва инсоният ба соҳили азхудкунии пурраи табиат наздик мешавад. Ин иқтидори зиёдшавандаи фаъолияти манфии инсон аз болои омилҳо ва равандҳои табиӣ мебошад, ки аз рӯйи таъсири худ дар ҳолати амали бехирадона метавонад инсониятро ба ҳолати фалокатбор оварда расонад. Вобаста ба ин ҳолат инсониятро зарур аст, ки дар иҳотаи мушкилоти глобалии ҷойдошта зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ ба қадамҳои беихтиёрона худро ба нестӣ хоҳад бурд. Аз ин рӯ, бояд ҷомеаи муосир бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ ва ҳамҷӯрии инсон бо зисткурра пеш равад. Дар доираи илми асри XXI бошад, кор карда баромадани назарияи ноосфера ва илми нави ноогеника бартарӣ пайдо карда истодааст, ки муҳаққиқон ва коршиносон принсипи маркази

онро хираднокӣ номидаанд. Бе риояи принсипи мазкур, ҳифзу нигоҳдории ҳаёт ва зоти инсонӣ дар сайёраи замин номумкин аст.

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда чунин тавсияҳои муҳимро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод менамояд:

**Якум,** мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ, ки дар рисола муфассал баррасӣ гардиданд, барои илми ватанӣ ва ҷаҳонӣ заминаи нав буда, метавонанд ҳангоми таълими фанҳои фалсафӣ ва табиатшиносӣ истифода шаванд.

**Дуюм,** таносуби принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ асоснок карда шудааст, ки ин муқаррарот метавонад самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил диҳад.

**Сеюм,** дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян карда шудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд. Дар ин замина, хулосаҳои рисола дар ташаккули консепсияҳои нави илмӣ барои илмҳои биологӣ, кимиёвӣ, астрофизикӣ, табиатшиносӣ, фалсафӣ ва ғайра хизмат менамояд.

**Чорум,** дар рисола бори аввал ба ташаккулёбӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав – космоглобалистика диққат дода шудааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Таҳқиқоти мазкур дар ин самт барои ба даст овардани боз ҳам хулосаҳои асоснoктар оид ба ояндаи тамаддуни инсонӣ, алоқаи мутақобилаи онҳо бо Замин ва Кайҳон имкон медиҳад.

**Панҷум,** дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, гузариши биосфера ба ноосфера – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида аст. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Мутаносибан зарурати кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеника асоснок карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои беҳтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

**Шашум,** дар таҳқиқот саволҳои зерини моҳиятан бунёдӣ: Олам дар ибтидо аз кадом «воҳид»-и хурд оғоз гардидааст? Кадом бузургиҳои бунёдии Кайҳон барои пайдоиши ҳаёт ва одам мусоидат намудаанд? Таҳаввулоти глобалӣ (универсалӣ)-и имрӯзаи Кайҳон ба кадом самт нигаронида шудааст? Одам натиҷаи таҳаввулоти глобалии Кайҳон аст ё танҳо мушоҳидачии он? ва ғ. баррасӣ гардидаанд. Таҳлили маводи илмӣ нишон медиҳад, ки барои дарёфти ҷавоб ба саволҳои зикргардида, аз натиҷаҳои тамоюли муттаҳидшавии байнифаннии илмҳо, ки дар он

фалсафа нақши калидиро ишғол менамояд, истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

**Ҳафтум,** дар адабиёти илмӣ имрӯз дар баробари принсипи антропӣ, атрофи ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ низ баҳсу мунозираҳо идома дошта, ақидаи ягонаи умумиэътирофӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дар илми муосир зарурати коркарди назарияи умумии таҳаввулотии глобалӣ (НУТГ)-ро ба миён мегузорад.

**Ҳаштум,** таҳқиқи ҳамбастагии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ҳатман ба зарурати коркарди назарияи нави ноосфера оварда мерасонад. Имрӯз, инсон ва инсоният дар иҳотаи хатарноки мушкилоти глобалии замони муосир қарор дорад ва мехоҳад ҳамбастагӣ ва ягонагии худро бо табиат ва Кайҳони бузург аз мавқеи хирад ба таври воқеӣ муайян намояд. Ба суханони дигар, имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо биосфера ба зинаи нави таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар ин замина, кор карда бароамадани илми нави ноогеника (таълимот дар бораи ноогенез), ки принсипи марказии он хираднокӣ мебошад, аҳамиятнок гардидааст.

Дар маҷмуъ, хулосаҳои рисола аҳамияти баланди илмӣ дошта, дар таҳияи китобҳои дарсӣ, монографияҳо, консепсяҳои илмӣ-методологӣ, қабули барнома ва стратегияҳои давлатӣ дар самти ҳифти табиат, муҳит ва зисткурра метавонанд истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мазмуну муҳтавои мавзуи таҳқиқотӣ муаллиф 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-то он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаст. Маводи нашрии муаллиф мазмун ва хулосаҳои асосноки дар диссертатсия ба дастовардашудаpo инъикос менамояд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи муаллиф мебошад, зеро ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмӣ ва фалсафиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст. Сафи назар, дар он баъзан камбудиҳо дида мешаванд:

1. Дар диссертатсия ба афкори файласуфони асримиёнагии тоҷику форс, ки фалсафаи онҳоро ғояи инсонмарказӣ ташкил медиҳад, диққат дода нашудааст.

2. Баъзан хулосаҳои муаллиф шарҳу тавзеҳи иловагиро талаб намуда, баъзан паҳлуҳо атрофи принсипи антропӣ ва мушоҳидачии олам будани инсон норавшан боқӣ мондаанд. Чунин савол ба миён меояд, ки оё танҳо инсон мушоҳидачии Олам аст? Зеро тамоми мавҷудоти зинда, ҳатто соддатаринҳо ҳам муҳитро ба таври худ мушоҳида менамоянд.

3. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия такрории андешаҳои муаллиф ба назар мерасанд.

4. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Бояд таъкид намуд, ки камбудиҳои ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмӣ ва арзиши диссертатсияро коста намегардонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Зайналов Қ.М., ки дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267) ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он Зайналов Қ.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абилзода Г.С.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33.
Тел: (+992) 918790887
Почтаи электронӣ: abilova.78@mail.ru

Имзои номзади илмҳои фалсафа, дотсент Абилзода Г.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Ф.З.

«20» 04 2024 с.